12654 - Ӯ намоз мехонад, вале Рамазонро рӯза намегирад, пас оё ӯ кофир ҳисобида мешавад?

савол

Оё рӯзахӯре, ки бидуни беморӣ ва бе ягон узр рӯза намегирад, модоме ки намоз мехонад, кофир мешавад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе ки рӯзаро аз рӯи инкор намудани воҷибияташ тарк кунад, бо иҷмои донишмандон кофир аст. Касе ки рӯзаро аз рӯи танбалию бепарвоӣ тарк кунад, дар ин ҳолат, баъзе аз донишмандон ӯро кофир шуморидаанд, аммо дидгоҳи саҳеҳ ин аст, ки ӯ кофир намебошад, вале ба хотири тарк намудани рукне аз рукнҳои Ислом, ки бар воҷиб будани он донишмандон иҷмоъ кардаанд, бар хатари бузург буда, мустаҳиққи муҷозоту танбеҳ аз ҷониби ҳокими мусулмон мебошад, то аз ин гуноҳ даст кашад. Бар ӯ зарур аст, қазои рӯзаҳоеро, ки тарк кардааст, анҷом бидиҳад ва ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба намояд.

Аллоҳ донотар аст.

Ниг: "Фатово-л-лаҷна" (10/143).